ТАҲЛИЛИ

таъсири танзимкунии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта»

Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта».
Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онхо паҳн мегардад	Оператори миллии алоқаи почта, шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ.
Муҳлати кабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	5.10.2026.
Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Огоҳинома дар бораи таҳия лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда шуда, аз 21 июли соли 2026 то 21 августи соли 2026 машварати омавӣ нисбати лоиҳаи Қонуни мазкур гузаронида шуд.
Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо	Аз руи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Оид ба гузаронида шудан ва анҷоми машварати оммавӣ хулосаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 2026, №03-11/1064 пешниҳод гардидааст.
Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад	Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба танзим даровандани муносибатҳои нави ҷамъиятие, ки дар низоми алоқаи почта ба вуҷуд омадаанд, лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи алоқаи почта» мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ тавассути истифодаи таҷрибаи пешрафтаи қонунгузории соҳа ва ба ин васила барпо намудани низому механизми ҷавобгӯ ба талаботи имрӯза таҳия намудааст. Бояд зикр намуд, ки Қонуни амалкунанда ҳанӯз аз соли 2003 амал мекунад, ки муносибатҳои нави бавуҷудомадаро дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пурра танзим карда наметавонад, ҳамзамон дар банди 40 Нақшаи чорабиниҳо оид ба

	амалигардонии Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 дар солҳои 2026-2030 пешбини гардидааст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» дар таҳрири нав таҳия карда шавад. Бо ин мақсад дар лоиҳаи нави Қонун он мафҳумҳо, механизмҳо ва хизматрасониҳои нав, савдои интернетӣ ва бозори хадамоти хаткашонӣ (курьерӣ), ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Оператори миллии алоқаи почтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкатҳои хусусӣ пурра мавриди танзим қарор дода мешавад. Дар ҳолати қабул нагардидани Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» ва нигоҳ доштани ҳолати мавҷуда, оқибатҳои манфии зерин пешгӯӣ мешаванд: - ширкатҳои сершумори хаткашонии ғайриқонунӣ (аз ҷумла тавассути таксиҳо ва шахсони воқеӣ) бе иҷозатнома ва супоридани андозҳои зарурӣ фаъолият хоҳанд кард. - ширкатҳои бузурги логистикии байналмилалӣ (ба мисли DHL, FedEx ва ғайра) ва платформаҳои ҷаҳонии савдо (якҷоя бо бозорҳои дохилӣ) аз сабаби набудани қонунгузории шаффоф ва устувор аз сармоягузорӣ ба инфрасохтори почтаи кишвар худдорӣ мекунанд - сатҳи хизматрасонии почтаи Тоҷикистон ба стандартҳои Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта (UPU) мувофиқат нахоҳад кард, ки ин боиси мушкилот дар мубодилаи почтаи байналмилалӣ ва бад шудани мавқеи кишвар дар рейтингҳои логистикӣ мегардад.
Баёни мухтасари мақсади дахолати давлат дар робита ба мушкилоти муайян шуда	Дар таҳрири нава қабул гардидани Қонуни мазкур давлат ташаккули низоми мукаммали алоқаи почтаро бо назардошти стандартҳои пешрафтаи замони муосир бароҳ монда бо истифода аз технологияҳои иттилоотии боэътимод ва бехатар, дастрас намудани хизматрасониҳои алоқаи почтаро барои аҳолӣ кафолат медиҳад.
Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи	Лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта» барои такмили заминаи ҳуқуқии соҳаи алоқаи почта, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, рушди бозори хизматрасониҳо нигаронида шудааст. Лоиҳаи

санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асоснокунии роҳи ҳалли чунин мушкилот	Қонуни мазкур чаҳорчубаи ягонаро барои ҳамаи операторони почта муайян карда, сифати хизматрасониро ба аҳолӣ устувор менамояд. Қонуни мазкур чораҳои зеринро пешбинӣ менамояд: - истифодаи ҳатмии системаҳои электронии пайгирии борҳо ва қуттиҳои почтавии рақамӣ; - муайян кардани талаботи дақиқ барои гирифтани иҷозатнома ва бақайдгирии операторони хусусии хаткашонӣ (курерӣ); - мутобиқсозии тартиби интиқоли байналмилалӣ ба стандартҳои Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта; - танзими низоми назорати техникӣ (сканерҳо) барои пешгирии интиқоли маводҳои мамнӯъ. Уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо - оператори миллии алоқаи почта, шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ уҳдадоранд, ки сирри мукотиботи шаҳрвандонро ҳифз кунанд ва амнияти интиқоли борҳоро таъмин намоянд; - манъи қатъии қабул ва интиқоли ашёи хавфнок; - пешниҳоди ҳисоботи даврӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳо; - маҳдудияти молиявӣ дар шакли уҳдадории пардохти ҷубронпулии ҳатмӣ ба мизоҷон дар сурати гум шудан ё зарар дидани посилкаҳо. Асосноккунӣ Ворид намудани ин чораҳо ва маҳдудиятҳо дар асоси таҳлили таъсири танзимкунӣ чунин асоснок карда мешавад: - рушди тиҷорати электронӣ талаб мекунад, ки маълумоти харидорон ва фурӯшандагон пурра ҳифз карда шавад; - барои ҳамаи субъектҳо рақобати солимро дар бозор ба вуҷуд меорад ва воридоти андозро ба будҷет зиёд мекунад; - мушкилоти интиқоли ғайриқонунии маводҳои хавфнок тавассути хадамоти курерии хусусӣ танҳо бо роҳи ҷорӣ кардани назорати техникӣ ва маҳдудиятҳо ҳал мешавад; - мушкилии асосии шаҳрвандон гум шудани борҳо ва набудани масъулияти ширкатҳо мебошад. Чораҳои пешбинишуда соҳибкоронро

	маҷбур мекунанд, ки сифати корро баланд бардоранд ва зарарро ҷуброн намоянд; - Почтаи Тоҷикистон бояд ба занҷираи логистикии ҷаҳонӣ (UPU) пайваст бошад, ки ин бе қонунгузории муосир имконнопазир аст.
Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилот ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, ки таҳиякунанда баррасӣ намуда буд (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ)	Ҳамчун роҳҳои алтернативии ҳалли мушкилот, имкони ворид намудани тағйироти ташкилию техникӣ дар фаъолияти Оператори миллии алоқаи почта пурзӯр намудани назорати маъмурӣ ва қабули дастурамалҳои дохилисоҳавӣ баррасӣ шуда буд. Кифоя набудани ин роҳҳо дар он зоҳир мегардад, ки муносибатҳои муосири бозори алоқаи почтавӣ, фаъолияти ширкатҳои хаткашонии хусусӣ, рушди тиҷорати электронӣ ва талаботи Иттиҳоди умумиҷаҳонии почта бе муайян намудани заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ва кафолатҳои давлатӣ дар сатҳи Қонун танзим намешаванд. Роҳҳои ташкилию идоравӣ наметавонанд ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳамаи субъектҳои соҳаро пурра муайян ва ҳифз намоянд. Ҳамчунин, кӯшишҳои ҳалли мушкилот тавассути татбиқи барномаҳои маҳдуди дохилӣ оид ба рақамикунонии Оператори миллии алоқаи почтаи баррасӣ шуда буд. Механизмҳои мазкур имкони танзими ҳуқуқии равандҳои муосир, аз қабили гардиши ҳуҷҷатҳои электронии почтавӣ, ҳамгироии низомҳои иттилоотӣ бо маркетплейсҳои байналмилалӣ ва таъмини сирри алоқаи почтавиро дар шароити технологияҳои нави рақамӣ надоранд. Ин гуна муносибатҳо дахолати мустақими қонунгузор ва муайян намудани ҷавобгарии ҳуқуқиро талаб мекунанд. Баррасии роҳҳои ҳалли мушкилот бидуни қабули қонун имкони ворид намудани навовариҳои технологӣ, аз қабили автоматҳои худкори қабул ва супоридани фиристодаҳои почтавӣ (почтоматҳо), низоми ягонаи электронии пайгирии борҳо (трекинг) ва почтаи гибридиро надорад. Ин навовариҳо тағир додани шакли ҳуҷҷатгузорӣ ва эътирофи ҳуқуқии амалиёти электрониро талаб мекунанд, ки танҳо дар сатҳи Қонуни нав имконпазир аст. Роҳҳои маъмурии кӯҳна соҳаро дар марҳилаи ақибмонии технологӣ нигоҳ медоштанд.

Арзёбии мухтасари хароҷоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	Лоиҳаи Қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад. **Оқибатҳои иҷтимоӣ:** - беҳтар шудани сифати хизматрасониҳои почтавӣ; - таъмини дастрасии умумиҷаҳонии аҳолӣ (алахусус дар деҳот ва минтақаҳои дурдасти кӯҳистон) ба воситаҳои алоқа; - ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва ташкили ҷойҳои нави корӣ. **Оқибатҳои иқтисодӣ:** - рушди инфрасохтори логистикӣ ва почтавии кишвар; - ҳавасмандгардонии рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои почтавӣ; - ҷалби сармоягузорӣ.
Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он	Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф дар соҳаи алоқаи почта ва даврияти ҷамъоварии онҳо барои мониторинги самаранокии соҳа ва соҳибкорӣ муҳиманд. Лоиҳаи қонуни нав ба баҳисобгирии рақамӣ ва омории дақиқ нигаронида шудааст. Ин нишондиҳандаҳо ба се гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд: 1. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ; 2. Нишондиҳандаҳои сифат ва самаранокии амалиётӣ; 3. Нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва дастрасӣ. Даврияти ҷамъоварии нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф мувофиқи талаботи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи алоқаи почта ва омор бароҳ монда мешавад.
Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он	15.10.2026

Муовини сардор Холзода Т.М.